«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон
д.и.т., профессор
_______________Назарзода Х.Х.
«__06__» _______01_______2025

**ХУЛОСАИ**

**кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба диссертатсияи Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи "Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 -Иқтисодиёти меҳнат.**

Диссертатсияи Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи "Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар кафедраи иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро гардидааст.

Дар давраи омодагии диссертатсияи илмии аспиранти Донишгоҳи давлатии Данғара Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод ба ҳайси асисенти кафедраи кафедраи иқтисод ва идораи фаъолият намудааст.

Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод 20 апрели соли 1985 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Дар соли 2002 ба факултаи иқтисодии Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон дохил шуда, дар соли 2007 аз рӯи ихтисоси иқтисодчӣ менеҷмент хатм намудааст.

Шаҳодатнома аз 8 майи соли 2020, (бо имзои ректори Донишгоҳи давлатии Данғара) дар бораи супоридани имтиҳони номзадӣ аз «Забони хориҷӣ» (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб) 20.02.2020, «Таърих ва фалсафаи илм» бо баҳои 4 (хуб) 24.04.2020, имтиҳон аз рӯйи ихтисос бо баҳои 5(аъло) 03.01.2025 (дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон) пешниҳод гардидааст.

Роҳбари илмӣ: д.и.и., професор Мирсаидов Аврор Бобоевич.

Мавзуи кори диссертатсионӣ дар ҷаласаи васеи кафедраи иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Данғара муҳокима шудааст(протоколи №4 аз 9 ноябри соли 2024).

Аз натиҷаи баррасии диссертатсияи илмӣ дар мавзӯи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» хулосаҳои зерин қабул карда шуд:

**1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия**

Кори диссертатсионии Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзӯи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар

иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба проблемаи муҳим бахшида шуда, бо забони возеҳи илмӣ таълиф гардидааст.

Мақсади тадқиқот ин муаяйн намудани моҳият ва хусусиятҳои шуғли алтернативии дар иқтисодиёти деҳот ва коркарди тавсияҳои назариявию амалӣ ҷиҳати таҳкими сиёсати давлатии шуғл ва танзими он бо мақсади расмӣ ва ҷоннок намудани шуғли алтернативӣ дар давраи "Солҳои рушди саноат " (с. 2022–2026), ки бевосита манотиқи деҳотро низ дар бар мегирад, ба шумор меравад.

Иштироки шахсии унвонҷӯ дар дарёфти натиҷаҳои дар диссертатсияи илмӣ баён гардида.

Саҳми шахсии довталаб. Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст ва монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф дар таҳқиқи назарияи шуғли алтернативӣ ва коркарди тавсияҳои амалии танзими он таҳқиқи сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографии бавуҷудоии ин намуди шуғл ва муаяйн намудани тамоюли тағйироти миқёси он саҳм гузоштааст. Ҳамзамон, зарурати илмии муайян намудани паёмадҳои мусбии иҷтимоӣ-иқтисодии мавҷудияти чунин навъи шуғлро, ки дар сиёсати давлатии шуғл инъикос ёбанд, асоснок намудаст.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ. Бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводҳои татқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои татқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ карда шудааст.

Навовариҳои илмии диссертатсия дар асоснок кардани ҳолатҳои назариявӣ ва методологии самти таҳқиқот ва баҳодиҳии навъи алтерннативӣ ва ё ғайрикишоварзии шуғл дар иқтисодиёти деҳот ва коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати танзими он ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои асосии илмии муайянкунандаи навовариҳои таҳқиқот аз инҳо иборат мебошанд:

- сиёсати давлатии шуғнокии аҳолӣ ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати иҷтимоӣ буда арзёбӣ шуда, онро ҳамчун маҷмӯи механизмҳои (тадбирҳои) ҳуқуқиву ташкилӣ, иқтисодӣ ва дигар механизмҳо, ки давлат барои мақсади паст намудани сатҳи бекории иқтисодӣ, нигоҳ доштани ҷойҳои кории мавҷуда, омӯзонидан, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани ихтисоси шахсоне, ки кор меҷӯянд, ҷӯиш ва интихоби ҷои кор, маблағгузории ҷои кории нав, ташкили ҷои кори нав бо тариқи низоми корҳои ҷамъиятӣ ва ғ. истифода мебарад, муайян карда шудааст;

- заминаҳои пайдоиши шуғли алтернативӣ, ки аз мазмуни низоми устувори воситаҳо барои зиндагӣ бармеоянд асоснок карда масъалаҳои методологӣ ва методии арзёбии шуғли алтернативӣ аниқ карда шудааст: ба шуғли алтернативӣ асосан он гурӯҳи захираҳои меҳнатие ҷалб карда мешаванд, ки сатҳи пасти даромад аз фаъолияти асосӣ доранд ва аз доираи муҳофизати иҷтимоӣ берун мондаанд ва бинобар он арзёбии ин намуди фаъолият танҳо дар асоси методҳои экспертӣ ва ё арзёбии ғайримустақим ё мустақим имконпазир мебошад.

- хусусият, хусусиятҳои шуғл дар иқтисодиёти деҳоти мамлакат муайян карда шуданд: сатҳи пасти диверсификатсияи истеҳсолот ва сифати анъанавии он, сарбории зиёди демографӣ, изофаи захираҳои меҳнатӣ ва ғ, сабаби рушди шуғли ғайрикишоварзӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд.

- омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ, ки ба рушди шуғлнокии алтернативӣ мусоидат менамоянд гурӯҳбандӣ карда шуданд: сатҳи пасти рушди инфрасохтори иқисодиёти деҳот, номукаммалии муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ниҳодҳои танзимкунандаи ин муносибатҳо; дараҷаи баланди афзоиши аҳолӣ, баланд будани сатҳи бекорӣ, бахусус бекории занон, нобаробарии даромадҳо, тарки ихтисосмандони соҳиб касб аз соҳаи кишоварзӣ ва ғ.

- асосҳои консептуалӣ ва принсипҳои коркарди самтҳои стратегии рушди соҳаҳои шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот ва зарурати инъикоси он дар сиёсати давлатии шуғл пешниҳод шудааст; зеро стратегияи алтернативии шуғлнокии аҳолии деҳот ин модели якҷоякардашудаи амалиёт барои рушди сифатии маҳал дар доираи таъмини тамоюлоти мусбати ҷиҳати сифат ва сатҳи зиндагӣ равонашуда мебошад;

- механизми дастгирии давлатии ташкили шаклҳои алтернативии шуғлнокӣ пешниҳод карда шудааст, ки боиси зиёдшавӣ ва эҳёгарии раванди ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили гулдӯзӣ, бофандагӣ ва тӯрбофӣ аз пӯстдохи дарахт, агротуризм, истеҳсолоти бофандагӣ аз матоъҳои тибитдор, ҷамъоварӣ, коркард ва фурӯши минбаъдаи меваҳои худрӯй ва занбурӯғҳо, ҷалғӯза ва ғайраҳо гардад.

Аҳамияти назариявии татқиқот дар он зоҳир мегардад, ки аксарияти хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалии дар он ифодаёфта имконият медиҳад, ки татқиқотҳои минбаъдаи масъалаҳои шуғлнокӣ истифода карда шаванд. Инчунин, пояи назариявии татқиқоти мазкур метавонад ҳамчун замина ҳангоми коркарди механизмҳои дастгирии давлатӣ ин намуди шуғлнокӣ истифода гардад. Мазмуни асосии татқиқоти диссертатсионӣ имконият медиҳад, ки назарияи шуғл, роҳҳои методологии татқиқот, баҳогузорӣ ва танзими шуғлнокӣ васеъ гардонида шавад.

Аҳамияти амалии таткиқот. Нишондодҳои диссертатсияро метавон ҳангоми таҳияи курсҳои таълимӣ ва маводи методӣ оид ба фанҳои «Назарияи иқтисод», «Иқтисодиёти меҳнат», «Ташкили КАС» ва курси махсуси «Шуғли аҳолӣ» ва ғайраҳо истифода кард.Тавсияҳои методии ташкили мониторинг ва омӯзиши шуғли ғайрикишоварзӣ ва танзими он дар минтақаи Кулоби вилояти Хатлон, ки мо таҳия намудаем якчанд шуъбаҳои шуғли аҳолии ноҳияҳои ин минтақа барои иҷро қабул намудаанд.

**2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия**

Кори диссертатсионии Абдуллозода Х.Х., ки дар мавзӯи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ бо бобҳои зерини шиносномаи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат: 10.3. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ. Вижагиҳои коркард ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт рост меояд. 10.12. Идоракунии давлатӣ дар бахши меҳнат ва шуғлнокӣ. Идоракунии шуғлноккӣ дар ташкилот. Кадрҳои идоракунӣ: нақш ва мақоми онҳо дар низоми идоракунӣ. Ташаккул, омодасозӣ ва инкишофи кадрҳои идоракунӣ ба иҷро расидааст.

**3. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ**

Ҳадафи таҳқиқ дар дар доираи бандҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки дар он мавҷуд будани ҳиссаи баробари бозори меҳнати себахша дар манотиқи деҳот (шуғли расмӣ, ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ) таъкид шудаасту даромаду ҳосилнокии меҳнатро баланд намуда ҳифзи иҷтимоии мардум таъмин мегардад, бармеояд.

**4.Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он**

Матлабҳо ва тавсияҳои таткиқот дар 8 кори илмӣ дар ҳаҷми умумии 2,5 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (1,3 ҷузъи чопӣ) инъикос ёфтаанд.

**А). Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

[1-М] Хусусиятҳои шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти кишоварзӣ [Матн]: /Х.Х. Абдуллозода //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. ISSN 2413-5151. №3. - 2019, – С.70-76.

[2-М] Муносибатҳои консептуалӣ ба таҳқиқоти шуғлнокии аҳолӣ [Матн]: /Х.Х.Абдуллозода //Кишоварз Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур. ISSN 2074-5435, №2 (82). – 2019. - С.215-221.

[3-М] Соҳаи шуғли алтернативӣ ва зарурати инъикоси он дар ҳаёт [Матн]: Х.Х.Абдуллозода //Кишоварз Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур. ISSN 2074-5435, №1 (86). – 2020. - С.121-127.

[4-М] Консепсияи муосири стратегияи давлатии рушди шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Тоҷикистон [Матн]: Х.Х.Абдуллозода //Кишоварз Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур. Дар арафаи чопшавист.

[5-М] Ҳадафҳои сиёсати давлатии шуғли аҳолии манотиқи деҳот дар замони муосир [Матн]: /Х.Х. Абдуллозода //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. ISSN 2413-5151. №1. - 2024, – С.100-107.

**Б). Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ**

[6-М] Тамоюли асосии иҷтимоӣ-иқтисодии татбиқи стратегияи миёнамуҳлати рушд /Х.Х.Абдуллозода//Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Занон ва рушди илми муосир". Нашриёти ДДД. – Душанбе "ЭР-граф", 2017. - С.202-208.

[7-М] Саҳми занон дар рушди саноат/Х.Х.Абдуллозода//Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Занон ва рушди илми муосир". Нашриёти ДДД. – Душанбе "ЭР-граф", 2021. - С.85-88.

[8-М] Шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти давлат/Х.Х.Абдуллозода//Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Занон ва рушди илми муосир". Нашриёти ДДД. – Душанбе "ЭР-граф", 2022. - С. 5-11.

**5. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо**

Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсия дар мавзӯи "Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар ҷараёни таълими Донишгоҳи давлатии Данғара истифода шудааст, ки бо санади татбиқ тасдиқ мегардад.

**6. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, дар бурда расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад.

**Қарори ҷаласаи кафедра**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат, тақризи роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Мирсаидов Аврор Бобоевич, баромади доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷабов Р.К., доктори илмҳои иқтисодӣ,

профессор Саидова М.Х., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Зубайдов С. ва д.и.и., дотсент Мирзоалиев А.А., ва н.и.и., дотсент Аминов Ф.И. маҷлиси васеи кафедраи менеҷмент ва маркетинги хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод

**Қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод дар мавзуи «Таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба таъмини шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат ҷавобгӯй ба талаботи муқаррааргардида арзёбӣ мегардад ва ба экспертизаи марҳилаи навбатӣ пешниҳод карда мешавад.
2. Ба Абдуллозода Хосамоҳ Худойдод нусхаи протокол ва хулосаи маҷлиси васеи кафедра дар бораи дуруст ба расмият даровaрда шудани диссертатсия ва пешниҳоди он ба экспертизаи давраи навбатӣ дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 15 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

тарафдор 15 нафар
зид нест
бетараф нест

Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 04 январи соли 2025, протоколи № 6 қабул шудааст.

Раиси маҷлис:
Мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинг, д.и.и., дотсент Мирзоалиев А.А.

Котиби маҷлис , н.и.и., и.в.дотсент Абдураҳмон Ҳ.

«Имзоҳои Мирзоалиев А.А. ва Абдураҳмон Ҳ.- ро тасдиқ мекунам»

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

**Суроға**: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Деҳотӣ ½, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
**E-mail:** menejment_08 @mail.ru
Телефон: +992(37) 234-83-46, (992) 934-44-41-45